Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

آواز تاجيك

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

5 июни соли 2002. Чоршанбе № 42 (12785)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.40 имзо гардид.

# Ғамхорӣ дар бораи одамон, корбарӣ бо назардошти истиқбол — вазифаи ҳар як роҳбар

## Иҷлосияи Кенгаши вилояти Навоӣ

31 май дар шаҳри Навоӣ иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Навоӣ ба амал омад.

Дар иҷлосия Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов нутқ эрод намуд.

— Агар вилояти Навоиро дурдонаи ба худ хоси нотакрори Ӯзбекистон гӯем, ягон муболиғае намебуд, — гуфт сарвари мамлакатамон, — Бисёр конҳои дар ин ҷо мавҷуда аз нуқтаи назари хусусият ва захиравӣ ноёб ба ҳисоб мераванд, на танҳо дар Осиёи Марказӣ, балки саросари ҷаҳон нодир ба назар мерасанд.

Ба туфайли меҳнати ҷамоаҳои бисёрмиллатаи аҳле, ки дар корхонаҳои бузург кор мекунанду фахру ғурури саноати мамлакати мо ба ҳисоб мераванд, одамони фидокоре, ки дар шароити душвори дашт обутоб ёфтаанд, имрӯзҳо вилоят 69 фоизи маъданҳои ноёбу ранга, 34 фоизи семент, 41 фоизи нуриҳои маъданиеро тайёр мекунанд, ки дар ҷумҳурият истеҳсол мегарданд.

Дар иҷлосия диққату эътибори махсус ба масъалаҳои тарбияи кадрҳои роҳбарикунанда, ба вуҷуд овардани низоми босамари кор, аз он ҷумла таҳсилу баланд бардоштани малакаи онҳо нигаронда шуд.

Дар иҷлосия масъалаи ташкилӣ баррасӣ гардид. Ба муносибати ба дигар кор гузаштанаш Ғайбулло Дилов аз вазифаи ҳокими вилоят озод карда шуд.

Бо тавсияи Президент Ислом Каримов ҳокими вилоят Баҳриддин Рӯзиев тасдиқ гардид.

Дар иҷлосия ҳокими ноҳияи Хатирчӣ Э.Турдимов, сармуҳандиси Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ Е.Толстов, сарвари корхонаи хурди «Шамо-Навоӣ» Ш.Ҷамолов, раиси кумитаи занони ноҳияи Навоӣ Ҷ.Раҷабова ва дигарон суханронӣ намуда, зикр карданд, ки вазифаҳои дар нутқи Президент ба миёнгузошташуда ҳамаро даъват месозад, ки бо масъулияти ниҳоят баланд кор карда, ташаббус зоҳир намоянд.

**(ЎзА).**

### Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи ҳокими вилояти Навоӣ таъин кардани Б.М.РӮЗИЕВ

Мувофиқи банди 12 моддаи 93 ва моддаи 102 Конститутсияи Ҷумҳурияти Ӯзбекистон:

**РӮЗИЕВ Баҳриддин Муртазоевич** ҳокими вилояти Навоӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Ислом КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
31 маи соли 2002.

### Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

## Дар бораи аз вазифаи ҳокими вилояти Навоӣ озод кардани Ғ.Д.ДИЛОВ

**ДИЛОВ Ғайбулло Дилович** аз вазифаи ҳокими вилояти Навоӣ ба муносибати ба дигар кор гузаштанаш озод карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон**
**Ислом КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
31 маи соли 2002.

## Нутқи Президент Ислом Каримов дар иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Навоӣ

Ассалому алейкум, ҳамватанони азиз!

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Ба шумоён масъалаи ба рӯзномаи кори иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Навоӣ пешгузошта маълум аст.

Бояд тазаккур дод, ки масъалаи мазкур ба рӯзнома бесабаб дохил нагардидааст. Вазъи кунунии вилояти Навоӣ, аҳволи иҷтимоиву иқтисодии он, торафт бештар ғун шудану пуршиддат гардидани муаммоҳое, ки ба кайфияти одамон таъсири манфӣ мерасонанд, ҳамаи он бо масъалае бевосита алоқаманд мебошад, ки ба рӯзномаи кори иҷлосияи кунунӣ пеш гузошта шудааст.

Агар мо пеш аз гузаштан ба масъалаи асосӣ, муаммоҳо ва сабабҳои сар задани чунин вазъиятро ҳамаҷониба муҳокима намоем, мувофиқи мақсад мебуд.

Ба назари ман ҷоиз аст бори дигар ҳаминро ба хотир оварем, ки ба кадом мақсад вилояти Навоӣ созмон дода шуд, ки ҳудуди он пештар ба таркиби вилояти Бухоро шомил буд, кадом мақсадҳои нек ва орзуву умедҳои калон бо ин қарор алоқаманд буданд.

Дар ин бора ҳарф зада, пеш аз ҳама сарватҳои нодири бузурги рӯизаминӣ ва зеризаминиеро тасаввур мекунем, ки кишвари мазкур соҳиби он мебошад.

Чуноне ки маълум аст, дар ин ҷо беш аз сад кони канданиҳои фоиданок ошкор гардидааст.

Дарҳақиқат, ин сарзамини назаркардаи Оллоҳу саховатманд соҳиби боигариҳои нодир, он хоҳ тилло ва ё нуқра, уран ва ё волфрам, ашёи хоми ғайримаъданиву ё кимё, мармар ва ё хоросанг бошад, мебошад.

Ба ҳамин маънӣ агар вилояти Навоиро дурдонаи ба худ хоси нотакрори Ӯзбекистон гӯем, ягон муболиғае намебуд.

Қисми зиёди конҳои дар ин ҷо мавҷуда аз рӯи захираҳо ва хусусиятҳо ноёб мебошанд, натанҳо дар Осиёи Марказӣ, балки саросари ҷаҳон нодир ба ҳисоб мераванд. Берун аз ҳудуди мамлакати мо номи конҳои тилло, аз қабили Мурунтов, Довғизтоғ, Кӯкпатас, Омонтойтоғ, кони фосфорити Қизилқум маълуму машҳур мебошад.

Ва ин маълумотҳоро мутахассисон хуб медонанд. Вале агар нерӯи иқтисодии вилоят, баробари такя кардан ба манбаъҳо, фаразан ба маълумотҳое, ки бо кӯмаки техникаи замонавии аэрокайҳонӣ ва геодезӣ гирифта шудаанд, арзёбӣ гардад, дар он сурат ба он боварӣ ҳосил кардан мумкин аст, ки бисёр сарватҳои табиӣ, захираҳои нодир дар қаъри замин хобидаанд. Ҳаҷму миқёси онҳо аз нуқтаи назари стратегӣ пешомаднок ба ҳисоб мераванд.

Алқисса, тамоми асосҳо буд то ки вилояти мазкур ба туфайли нерӯи иқтисодии худ воҳиди ҷудогонаи маъмуриву ҳудудӣ гардад. Бо назардошти ана ҳамин бист сол муқаддам вилояти Навоӣ ташкил ёфт.

Мутаассифона, дар солҳои охири ҳокимияти шӯроҳо аз он сабаб, ки аз тарафи роҳбарони ҷудогонаи калтабин сиёсате пеш бурда шуд, ки асосашро нағз шудан ба Марказ ташкил медод, вилояти мазкури дорои имкониятҳои фавқулодда муҳим барҳам хӯрд.

Соли 1992 ба мақсади сафарбар кардани нерӯи бузурги вилояти мазкур, истифодабарии сарватҳои табиии он ба хотири шукуфонии Ватан ва манфиатҳои халқ, оянда аҳолии маскуни ин маҳалро фикр карда, аз нав вилояти Навоиро ташкил кардем. Чунин мепиндорам, ки вай ҳам аз нуқтаи назари таърихӣ ва ҳам иқтисодӣ қарори одилона буд.

Ҳарчанд вилоят ҷавон ба ҳисоб меравад, вале бидуни шакку шубҳа гуфтан лозим аст, ки ин кишвар таърихи қадима, решаи қадимаро молик мебошад.

Тасдиқи ин фикрро мо дар мисоли манбаъҳои фарҳангии аз қадим мавҷуда, аз қабили Кармана, Работи Малик, Нурато, ёдгориҳои Тошмасҷид, Чилсутун, Кӯкгумбаз, қадамҷои муқаддаси Қосим Шайх, Ориф Деҳгаронӣ мебинем.

Алқисса, ҳамаи он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар ин ҷо дар тӯли бисёр қарнҳо одамони фидокору ғурурашон баланд зиндагонӣ кардаанд, бо садоқатмандӣ ва меҳру муҳаббат нисбати сарзамини маҳбуб решаҳои амиқ гузоштаанд.

Албатта, дар бораи таърихи ин кишвар, ки дар тӯли бисёр қарнҳо аз сар бисёр воқеаву ҳодисаҳоро гузарондааст, бисёр ҳарф задан мумкин аст. Вале ба фикрам, мо бояд дар бораи имрӯзи вилоят, дар бораи ҳаёти кунунии одамоне, ки дар ин ҷо ҳаёт ба сар мебаранд, дар бораи пешомадҳои рушди вилоят бештар фикр кунем, ғамхорӣ зоҳир намоем.

Дӯстони азиз!

Он чиз, ки вилояти Навоӣ соҳиби нерӯи калони иқтисодӣ мебошад, ба ҳамагон маълум аст. Иқтидорҳои калони истеҳсолии дар ин ҷо фаъолият пешбаранда, аз қабили Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ, Нурхонаи алавии Навоӣ, корхонаи муштараки ӯзбекистониву амрикоии «Зарафшон-Нюмонт», иттиҳодияҳои «Навоиазот» ва «Қизилқумсемент», корхонаи муштараки «Электрохимзавод» на танҳо фахру ғурури вилоят, балки тамоми саноати мамлакатамон ба ҳисоб мераванд.

Хусусияти муҳими корхонаҳои мазкур дар он зоҳир мегардад, ки онҳо асосан аз ҳисоби ашёи хоми маҳаллӣ, ки захираҳои он ба миқдори зиёд мебошанд ва дар пойгоҳи технологияи замонавӣ кор мекунанд. Аз ин мебарояд, ки он кафолати боэътимод ба ҳамин мебошад, ки корхонаҳои мазкур пешомади хуберо соҳибанд.

Бо фахру ғурур зикр кардан лозим меояд, ки дар корхонаҳои мазкур, ки таърихи кӯтоҳ — 30-35-соларо доранд, баробари азнавкоркарди сарватҳои моддӣ, ҷамоаҳои меҳнатии сермиллате, ки дар шароити мураккаби дашт обутоб ёфтаанд, ба вуҷуд оварда, силсилаи томи авлоди муҳандисон ва коргарони баландмалакаро ба воя расонданд.

Ба туфайли меҳнати фидокоронаи ин одамон имрӯзҳо вилоят 69 фоизи маъданҳои ранга ва нодиреро, ки дар ҷумҳурият ҳосил мегардад, 34 фоизи семент, 41 фоизи нуриҳои маъданиро истеҳсол мекунад. Ва нишондиҳандаҳои мазкур, албатта ҳамаи моро хурсанд мегардонад.

Вале худи ҳаёт дар назди мо имрӯз масъалаҳо ва вазифаҳои фавқулодда муҳиму доманадореро пеш мегузорад. Он чиз, ки мо дирӯз сари вақт чунин вазифаҳои умдаро, аз қабили такмил додани корхонаҳо, азнавҷиҳозонии техникӣ ва технологии онҳо, ба роҳ мондани умури маркетингӣ ва дар ҳамин пойгоҳ вусъат додани номгӯи маҳсулот ва кам кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти касмахарро сари вақт ҳал накардем, ҳамаи он имрӯзҳо ба натиҷаҳои ниҳоии меҳнат таъсири манфӣ мерасонад.

Он чиз муҳим аст, ки имрӯз вазифаи умда сари вақт ҳаллу фасл намудани масъалаҳо, аз қабили татбиқи усулҳои замонавии кор дар корхонаҳои мазкур ва ташкилотҳо, рағбатноксозии коргарон, ҳаллу фасли муаммоҳо аз рӯи аз тасарруфи давлат баровардан ва хусусигардонии амвол мегардад.

Табиист, ки моро тамоман он чиз қонеъ намегардонад, ки аз 22 корхонаи муштараке, ки дар вилоят бо иштироки шарикони хориҷӣ ба истифода супурда шудааст, дар саноат танҳо ҳаштояш арзи ҳастӣ мекунад.

Дар ин бора ин далел дарак медиҳад, ки танҳо соли гузашта дар панҷ корхонаи саноатӣ нисбати соли 2000 истеҳсоли маҳсулот қариб ба 3 миллиард сӯм кам гардидааст, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот аз рӯи 25 намуди маҳсулоти саноатӣ паст фуромадааст. То ҳоли ҳозир дар анборҳо молҳои ба касе нодаркор ба андозаи 14 миллиард сӯм ғун шуда мондаанд.

Ба фикрам, зарурат ба он нест фаҳмонда диҳем, ки дар натиҷа он на танҳо ба иқтисодиёти вилоят, балки мамлакат то чӣ андоза зарар расондааст.

Чуноне ки маълум аст, дар мамлакати мо заминаи зарурии ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда, низоми имтиёз барои фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ арзи ҳастӣ мекунад. Ба асари он, ки дар вилоят ба ҳамкорӣ бо шарикони хориҷӣ диққату эътибори зарурӣ дода нашудааст, дар шаҳри Навоӣ корхонаҳои муштарак, аз қабили «Қизилқум-РУС-Нур» ва «Прибор» аз фаъолият бозмондаанд.

**(Давомаш дар саҳифаи 2.)**

## Рамзҳои давлатамон

Кумитаи Олий Маҷлиси Ҷумҳурияти Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои илм, таълим, фарҳанг ва варзиш якҷоя бо Маркази ҷумҳурии «Маънавият ва маърифат» китобро таҳти унвони «Давлатимиз рамзлари» («Рамзҳои давлатамон») аз чоп баровард.

Сарвари давлатамон Ислом Каримов зикр намуда буданд: «Ҳар як рамзи миллӣ барои баланд гардидани фахру ғурури миллиамон хизмат мерасонад. Ҳар кадоми он дастури муҳим, василаи пуриқтидори тарбиявӣ мебошад». Ва дарҳақиқат, мо ба кадом марҳилаи таърихи давлатдориамон муроҷиат накунем, мебинем, ки рамзҳои Ватан ҳамеша азизу муқаддас дониста шудаанд ва мешаванд. Дар онҳо таърихи халқамон, имрӯзу ояндаи он таҷассуми худро пайдо кардаанд. Дар асл рамзҳо ҳамеша воситаи муҳим дар бобати сар задани фахру ғурури миллӣ, фидокорӣ ва ватанпарварӣ гардидаанд.

Баробари ба даст омадани истиқлолият мо соҳиби Байрақ, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем, ки нишонаи давлати озоду мустақил мебошад. Имрӯз ҳар як шахсе, ки шаҳрванди Ӯзбекистон мебошад, ӯҳдадор аст рамзҳои давлатӣ — арзишҳои ҷамъиятиву сиёсиамонро донад ва эҳтиром намояд. Аз ҳамин сабаб муносибати мо ба онҳо пеш аз ҳама бояд аз омӯзиши қонунҳо дар бораи рамзҳои давлатӣ оғоз ёбад.

Дар китоби «Давлатимиз рамзлари» дар бораи ин рамзҳо муфассал нақл карда мешавад. Китобро ба чоп Нашриёти «Маънавият» омода сохтааст.

**(ЎзА).**

## То боздид, дар Самарқанд!

Мусобиқаҳои ҷумҳурии варзишии ҷавонон-донишҷӯён, ки таҳти унвони «Универсиада-2002» дар шаҳри бостонии Бухоро дар тӯли як ҳафта давом кард, анҷоми худро ёфт. Дар он 16 тим-яктогӣ аз вилоятҳо, Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон ва се тим аз шаҳри Тошканд иштирок намуданд. 2368 нафар варзишгарон-донишҷӯён аз рӯи дувоздаҳ намуди варзиш — баскетбол, волейбол, футбол, тенниси кортӣ ва рӯимизӣ, атлетикаи сабук, шоҳмот, кураш ва кураши миёнбанд, дзюдо, тӯби дастӣ ва шиноварӣ қувва озмуданд. Дар бадали як ҳафта беҳтарин варзишгоҳҳои шаҳри Бухоро, ноҳияҳои атрофи он ба ихтиёри онҳо вогузошта шуданд, то ки ба чӣ қодир будани худро дар амал исбот кунанд.

Ба он майлу шавқ ниҳоят калон буд. Исботи ин фикрро далели мазкур собит мекунад. Барои тамошои ин мусобиқаҳо аз 50 давлати ҷаҳон меҳмонон омаданд. Баробари ин рафти мусобиқаҳо ба 30 мамлакат намоиш дода шуд.

«Ҷавонӣ, варзиш ва зебогӣ» шиори ба худ хоси «Универсиада-2002» шуд. Ва он иди бародарии донишҷӯён, такмил аз нигоҳи ҷисмонӣ ва маънавӣ гардид. Бозиҳои сипаришуда намоиш доданд, ки ҷавонони мо то андозае соҳибмалакаанду барои дар олами варзиш ишғол намудани марраҳои баланд қодиру қобиланд. Дар рафти мусобиқаҳо ба ғолибони онҳо дар амфитеатри шаҳр ба таври мутантан 203 медали тилло, ҳамин миқдор медали нуқра ва 224 медали биринҷӣ супурда шуд. Рекордҳо аз рӯи бисёр намудҳои варзиш ба даст омаданд. Ғолибон баробари медалҳо ифтихорномаҳо ва тӯҳфаҳои қиматбаҳо гирифтанд ва дар ин бобати хизмати васоятгаронро алоҳида зикр кардан лозим меояд. Баробари ҳунарнамоӣ варзишгарон-донишҷӯён истироҳати бофароғат ҳам карданд. Ба туфайли ғамхории мутасаддиён онҳо ҷойҳои таърихӣ ва ба диққат сазовори шаҳри Бухоро ва маҳалҳои атрофи онро тамошо карда, бо як олам таассурот баргаштанд. Консертҳо, вохӯриҳо, мулоқотҳои сершумор ба онҳо як олам хурсандӣ бахшид.

Ниҳоят фурсати пӯшидашавии мусобиқаҳо фаро расид. Варзишгоҳи марказии «Бухоро» серодам буд. Машъалаи мусобиқаҳо шӯълаи худро паҳн мекард. Байрақҳои давлатии Ҷумҳурияти Ӯзбекистон ва «Универсиада» парафшонӣ мекунанд. Ба майдон аввал байрақбардорон ва баъд аъзоёни тимҳо — иштирокдорони мусобиқаҳо ворид мегарданд. Дар байнашон садҳо ғолибони Универсиада ҳастанд, ки ба онҳо лозим меояд, ки шарафи Ӯзбекистонро дар Универсиадаи умумиҷаҳонӣ ҳимоя кунанд, ки дар шаҳри Дейгуи Куриёни Ҷанубӣ соли оянда ба амал меояд. Ҳамагон хуб медонанд, ки ин қабил мусобиқаҳо роҳро ба сӯи бозиҳои Осиё, мусобиқоти ҷаҳон ва Олимпиада боз мекунад...

Таҳти оҳанги мутантан ба маркази майдон рамзи бузурги Универсиадаро меоранд. Супурдани мукофотҳо бо ғолибони он оғоз меёбад. Аз рӯи натиҷаи умумӣ тими «Тошканд-1» ғолиб омад, ки таркиби асосии онро донишҷӯёни Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон ташкил медиҳад. Ҷои дуюм насиби тими вилояти Бухоро, ҷои сеюм бошад насиби тими вилояти Намангон гардид.

Таҳти чапакзании бардавом тӯҳфаҳои Президент Ислом Каримов ба ғолибони «Универсиада-2002» супурда мешавад. Калидҳои автомобилҳои «Дамас»-ро ба донишҷӯёни Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Тошканд, Донишгоҳи давлатии Бухоро, Донишгоҳи давлатии Намангон Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Т.Рисқиев, ҳокими вилояти Бухоро С.Ҳусенов, ҷонишини Нахуствазири ҷумҳурият Ҳ.Кароматов, раиси Кумитаи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш Б.Махситов, вазири маълумоти оливу миёнаи махсус, раиси кумитаи тадорук С.Ғуломов ва раиси Кумитаи миллии Олимпӣ С.Рӯзиев месупоранд.

Оташи мусобиқаҳо оҳиста-оҳиста хомӯш мегардад. Байрақи мусобиқаҳо фуроварда мешавад. Онро тими вилояти Бухоро ба майдон баровarда, ба дасти намояндагони вилояти Самарқанд месупоранд ва он чунин маънӣ касб мекунад, ки баъди ду сол, яъне соли 2004 мусобиқаи сеюми ҷумҳурии варзишии ҷавонон дар шаҳри бостонии Самарқанд ба амал меояд.

Ҳунарнамоии варзишгарони ҷавон сар мешавад. Онҳо ба тамошогарон маҳорат, ҷасурӣ ва мардонагии худро намоиш медиҳанд. Баъд ҳунарнамоии дастаҳои ҳаваскорони санъат, ҳунарварони номдори соҳаи эстрада оғоз меёбаду ба дилҳо сурур мебахшад. Дар фарҷоми он ҳамагон ба суруди «Ҳеҷ кимга бермаймиз сени, Ӯзбекистон» ҷӯр мегарданд ва он алҳол суруди асосии ҷавонони Ӯзбекистон гардидааст.

Ҳамагон якдигарро ба оғӯш кашида хайрбод мегуфтанд ва зикр менамуданд: то боздид, дар Самарқанд!

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## Пиллаи Қароқалпоқистон

Кирмакпарварони Қароқалпоқистон ба анборҳои қабул 562 тонна пиллаи хушсифат супурда, супоришро дар бобати тайёр кардани ин ашёи хоми гаронбаҳо барзиёд иҷро намуданд. Аз ҳар қуттӣ кирмак 46 килограммӣ ҳосил ба даст омад. Ононе, ки кирмакро дар зери пардаи сунъӣ парвариш намудаанд, аз ҳар як қуттӣ 60-65 килограммӣ пилла бардоштанд. Кирмакпарварони ноҳияҳои Амударё, Тӯрткӯл, Элликқалъа ба хирмани умумӣ саҳми муносиби худро гузоштанд.

Кирмакпарварони қароқалпоқистонӣ ҳаҷми ҳосили умумиро ба 700 тонна расонданианд.

## Осорхонаи шаъну шараф

Дар рӯзи охирини мусобиқаҳои ҷумҳурии варзишии ҷавонони Ӯзбекистон «Универсиада-2002» дар Варзишгоҳи марказии шаҳри Бухоро Осорхонаи шаъну шарафи варзишӣ дари худро боз намуд. Нигораҳои осорхона аз Матни муборакбодии сарвари давлатамон Ислом Каримов ба унвони иштирокдорони мусобиқаҳои «Универсиада-2002» оғоз меёбад. Аз нигораҳо маводҳое ҷо пайдо кардаанд, ки дар бораи мусобиқаҳои варзишии «Умид ниҳоллари», «Баркамол авлод» ва Универсиада нақл мекунанд.

Дар маросими кушоиши осорхона Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Т.Рисқиев, ҷонишини нахуствазири ҷумҳурият Ҳ.Кароматов, ҳокими вилояти Бухоро С. Ҳусенов иштирок намуданд.

**(ЎзА).**

## Дарав оғоз меёбад



Меҳнаткашони ноҳияи Асакаи вилояти Андиҷон ба маъракаи ҳосилғундорӣ тайёрии пухта мебинанд. Алалхсус меҳнаткашони хоҷагии ширкатии ба номи Бобур дар бобати омода сохтани техника ба маъракаи ғалладаравӣ, тахт кардани майдонҳо намунаи ибрат нишон медиҳанд. Тамоми техника барои ҷамъоварии ғалладона ва беталаф ба анборҳои қабул супурдани он тахт гардидааст.

— Мо аз ҳар гектар бояд мувофиқи нақша 60 сентнерӣ ҳосил бардорем, — мегӯяд раиси хоҷагии ширкатӣ Абдуманнон Парпиев. — Вале дар ғаллазоронамон ҳосили фаровон рӯёнда шудааст ва аз ҳамин сабаб аз ҳар гектар ҳосилнокиро ба 80 сентнерӣ расонданием. Барои ин ҳам шароит ва ҳам имконият мавҷуд аст.

Ногуфта намонад, ки ғаллакорони хоҷагӣ баробари тахт кардани техникаи мавҷудаи ғалладаравию ғаллакӯбӣ боз 3 комбайни тамғаи «Класс»-ро аз Олмон харид намуданд ва он имконияти сари вақт ба анҷом расондани маъракаи масъулиятнокро фароҳам меоварад.

Дар айни замон дар паxтазорҳои хоҷагӣ ҳам меҳнати зарбдорона ҳукм меронад.

**Дар сурат:** комбайнронон **Исмоил МИРЗОЕВ, Ҳосилбек БАДАЛОВ, Баҳодир ДЕҲҚОНОВ, Раҳматулло ҲАЙДАРОВ** ва **Козимҷон ҲАЙДАРОВ** ҳини машварат. Онҳо коргарони пешқадами хоҷагии ширкатии ба номи Бобури ноҳияи Асака ба ҳисоб мераванд ва ҳар сол нисбат ба дигарон бештар майдони ғалларо медараванд.

**Матн ва сурати**
**Шӯҳрат ОЛИМОВ. (ЎзА).**

## Ҳангомаҳои аввалини мусобиқоти ҷаҳон

Алҳол диққату эътибори тамоми мухлисони бозиҳои миллионҳо футболбозон ба Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон нигаронда шудааст. Чунки 31 май дар ин ҷо мусобиқоти XVII ҷаҳон аз рӯи футбол оғоз ёфта, дар он беҳтарин тимҳои ҷаҳон — ғолибони мусобиқаҳои саракунӣ аз қитъаҳои Амрико, Аврупо, Африқо, Осиё ва соҳибони он — Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон барои қаҳрамони ҷаҳон шудан мусобиқаҳоро дар гурӯҳҳои худ оғоз намуданд. Дар ҳашт гурӯҳ чортогӣ тим барои ғолибӣ ва минбаъда иштирок намудан дар ҳарбу зарби 1\8 финалӣ ба бозиҳо шурӯъ намуданд.

Рӯзи аввали мусобиқа ҳангомаи нахустин рух дод. Яке аз даъвогарони асосии Ҷоми ҷаҳон, қаҳрамони мусобиқоти пештараи ҷаҳон, қаҳрамони Аврупо — тими Фаронса дар мусобиқаи аввал аз намояндаи қитъаи Африқо — тими Сенегал алами мағлубиятро чашид. Дар давоми вохӯрии мазкур ҳарчанд болодастии фаронсавиён ҳис шуда бошад ҳам, вале онҳо ба ишғол намудани дарвозаи Сенегал муваффақ нагардиданд.

Ҳангомаи дуюм (сенсатсия) дар мусобиқаи байни тимҳои Ирландия ва Камерун рух дод ва қувваозмоии онҳо мусовӣ 1:1 анҷом ёфт. Ҳангомаи сеюм бошад, дар мусобиқаи байни тимҳои Мексика ва Хорватия рух дод. Пеш аз оғози мусобиқаҳо ҳамагон пешгӯӣ карда буданд, ки тими Хорватия бешак барои ғолибӣ дар ин мусобиқа даъвогари асосӣ мебошад. Зеро дар мусобиқоти гузаштаи ҷаҳон хорватҳо соҳиби медали биринҷӣ гардида ва танҳо бо тасодуфе дар мусобиқаи нимфиналӣ бар тими Фаронса бозиро бохта буданд. Вале тири пешгӯяндагон хок хӯрд. Дар мусобиқаи аввал хорватиягиён аз тими Мексика мағлуб гардид.

Ҳарбу зарб байни тимҳои Уругвай — Дания, Парагвай — ЧАҶ, Англия — Шветсия, Аргентина — Нигерия ҳам пуршиддат гузаштанд. Уругвай мусобиқаро ба даниягиён ба ҳисоби 1:2 бохт. Вохӯрии байни Парагвай — ЧАҶ мусовӣ - 2:2 анҷом ёфт. Аргентина аз болои Нигерия бо ҳисоби 1:0 ғолиб омад.

Даъвогарон барои қаҳрамони ҷаҳон тими Бразилия бо душворӣ тими Туркияро бо ҳисоби 2:1 мағлуб сохт. Испониё бошад, тими нисбатан пурқуввати Словенияро бо ҳисоби 3:1 мағлуб намуд. Итолиё, ки тими аз ҳама пурқувват аз ҷиҳати ҳимояву ҳуҷум дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, намояндаи қитъаи Африқо — Эквадорро ба ҳисоби 2:0 мағлуб сохт. Даъвогари дигар барои ба даст овардани Ҷоми ҷаҳон тими Англия бо ҳарифи пурқувват дар гурӯҳаш Шветсия мусобиқаро мусовӣ 1:1 анҷом дод.

Ҳисоби аз ҳама калон дар вохӯрии байни тимҳои Олмон, ки яке аз даъвогарон барои ба даст овардани Ҷоми ҷаҳон мебошад, бо тими қитъаи Осиё — Арабистони Саудӣ рӯй дод. Олмониён ба дарвозаи ҳарифи худ ҳашт тӯби беҷавоб заданд ва ҳамлагари тими мазкур Мирослав Клозе бо се тӯб рӯйхати тӯбзанандагонро сарварӣ мекунад. Дар ҳисоби футболбози итолиёвӣ Кристиан Виери ду тӯб мебошад.

Дирӯз намояндагони Осиё тимҳои Чин, Куриёи Ҷанубӣ ва Ҷопон ба мусобиқаҳо шурӯъ намуданд. Онҳо бо тимҳои Коста-Рика, Лаҳистон, Белгия қувва озмуданд.

Натиҷаи вохӯриҳо ин тавр анҷом ёфт: Чин — Коста-Рика 0:2, Ҷопон — Белгия 2:2. Имрӯз бошад, тимҳои ИМА — Португалия, Олмон — Ирландия, Россия — Тунис ба майдон мебароянд. 6 июн бошад, мағлубшудагони даври аввали мусобиқаҳо тимҳои Фаронса ва Уругвай бо ҳам вомехӯранд ва танҳо ғалаба ба онҳо роҳро барои давом додани мусобиқаҳо ба давраи навбатӣ боз мекунад. Ҳамон рӯз тимҳои Дания — Сенегал, Камерун — Арабистони Саудӣ низ байни худ вомехӯранд ва он барои баъзеи онҳо аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад.

Ҳарбу зарбҳо нишон медиҳанд, ки ба мусобиқоти ҷаҳон тимҳои пурқувват омаданд ва ҳар ҳар кадоми он ҳангомаҳои нав ба навро мунтазир шудан мумкин аст.

**Мухбири худамон.**

# Ғамхорӣ дар бораи одамон, корбарӣ бо назардошти истиқбол — вазифаи ҳар як роҳбар

## Нутқи Президент Ислом Каримов дар иҷлосияи ғайринавбатии Кенгаши вакилони халқи вилояти Навоӣ

(Аввалаш дар саҳифаи 1.)

Ҳарчанд мунтазам зикр карда мешавад, ки масъалаи асосии рушди иқтисодиёт ин созмон додани корхонаҳои замонавии муштарак баробари ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ мебошад, дар ноҳияҳои Қизилтеппа, Нурато, Томдӣ ва Учқудуқ то ҳол ягон корхонаи муштарак созмон дода нашудааст. Муносибати бефарқонаи ҳокимонро ба ин кори муҳим бо ягон чиз сафед кардан мумкин нест.

Ҳоли ҳозир дар вилоят танҳо се корхона, маҳз Комбинати маъдани кӯҳии Навоӣ, иттиҳодияҳои истеҳсолии «Навоиазот» ва «Қизилқумсемент» маҳсулоти худро ба бозори ҷаҳонӣ мебароранд. Касро далели мазкур, яъне соли 2001 ҳаҷми содироти маҳсулоти корхонаҳои муштараке, ки дар вилоят фаъолият пеш мебаранд, ба 16 фоиз кам гардиданаш ба ташвиш гузоштааст.

Зарур аст қайд намоем, ки соли гузашта дар ин ҷо ба андозаи 76 миллиард сӯм маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла 43 миллиард сӯмина маҳсулоти чорводорӣ тайёр карда шуд.

Вале солҳои охир дар соҳаи мазкур вазъи ташвишовар ба амал омадааст. Аз он ҷумла, ду соли охир вилоят супоришоти шартномавиро аз рӯи тайёркунии пахта иҷро намекунад. Агар бигӯям, ки сабаби асосии он интизоми суст дар корхонаҳои кишоварзӣ, бесамар ва ғайрисобитқадамона амалӣ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ мебошад, ягон муболиғае намебуд. Дар ин бора ҳамин далел гувоҳӣ медиҳад, ки 33 фоизи шартномаҳо аз рӯи расонда додани маҳсулоти кишоварзӣ дар соли 2001 иҷро нагардидаанд.

Аз ҳама ташвишовараш ҳамин аст, ки ҳамаи онҳо боиси бад гардидани вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ мегардад. Биёед, ба рақамҳои зерин диққату эътиборро нигаронем:

То 1 январи соли 2002 қарздории дебитории корхонаҳои кишоварзии вилоят 2 миллиарду 175 миллион сӯм, қарздории кредиториашон 5 миллиарду 467 миллион сӯмро ташкил додааст. 285 хоҷагӣ солро бо зарари умумии 439 миллион сӯм ба анҷом расондаанд.

Албатта, мо тадбирҳои зарурӣро меандешем, то ки вазъи иқтисодии корхонаҳои кишоварзии вилоят беҳтар гардад. Масалан, шароити мушаххасеро, ки дар ин ҷо солҳои охир рух додааст, ба назар гирифта, қарзи хоҷагиҳо ба андозаи панҷуним миллиард сӯм аз ҳисоб соқит карда шуд.

Ин, албатта, имконияти калонест, ки давлат ба хоҷагиҳои вилоят фароҳам овард то ки онҳо аз вазъи душвор раҳоӣ ёбанд.

Вале мо маҷбур ҳастем бо таассуф ба забон гирем, ки ба ҷои ҳозирҷавобии мусбӣ, аз қабили ҷустуҷӯ, ташаббус, ташкили дурусти кор, кайфияти туфайлихӯрӣ зуҳур меёбаду мутобиқан он боиси кам гардидани ҳосилнокии зироати кишоварзӣ мегардад.

Далели мазкурро чӣ тавр тавзеҳ додан мумкин аст, ки соли гузашта дар 7 хоҷагии ноҳияҳои Хатирчӣ ва Қизилтеппа ҳосилнокии пахта аз ҳар гектар ҳатто 18 сентнериро ташкил надодааст?

Чунин вазъият дар бобати рӯёндани ғалладона ба назар мерасад. Соли 2001 ҳосилнокии ғалла дар заминҳои обёришавандаи хоҷагии «Оқ олтин»-и ноҳияи Хатирчӣ аз ҳар гектар 15,5 сентнерӣ, хоҷагии ба номи Ал-Бухории ноҳияи Қизилтеппа-12,6, хоҷагии ба номи Ҷамбули ноҳияи Навбаҳор 7,5 сентнериро ташкил додааст.

Зарур аст махсусан таъкид намоем, ки ҳамаи моро чунин муносибат ба замин дар вилоят ба ташвиш гузоштааст, ки боигарии асосиамон ва манбаи фаровониву некӯаҳволиамон ба ҳисоб меравад.

Ошкор гардид, ки дар натиҷаи ғайриоқилона истифода бурдани замин соли гузашта дар 2 ҳазору 57 гектар майдон умуман кишт гузаронда нашуда, 1 ҳазору 828 гектар аз ҳисобот пинҳон гардидааст.

Аз он ҷумла, дар 107 гектар майдони пахтазори ноҳияи Қизилтеппа, 96 гектари ноҳияи Навбаҳор, 67 гектари ноҳияи Хатирчӣ ягон сентнер ҳосил бардошта нашудааст.

Сарфакорона истифода бурдани захираҳои об дар минтақаи дашти вилояти Навоӣ аҳамияти ҳалкунанда касб мекунад ва дар ин бора ҳарф задан зиёдатӣ мебошад.

Дар маҷлиси Девони Вазирон аз 14 феврали соли кунун, барои камбудиҳо ва хатоҳои роҳгузошта дар бобати истифода бурдани захираҳои об ва заминҳои обёришаванда сарвари вилоят Ғ.Дилов огоҳонида шуда буд.

Вале аз тафтиши дар семоҳаи аввали соли кунун гузаронда маълум гардид, ки то ҳол ҳамон хатоиҳо ва камбудиҳо ҷой доранд.

Дар вилоят то ҳоли ҳозир 2 ҳазору 648 хоҷагии фермерӣ арзи ҳастӣ мекунад. Вале ҷонибдорӣ, расондани кӯмаки техникӣ ва иттилоотӣ, мадад дар бобати таъмин будан бо нуриҳои маъданӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои хизмати лизингӣ ба онҳо ҳамоно дар вазъи ғайриқаноатбахш мебошад.

Масалан, соли гузашта хоҷагиҳои фермерӣ танҳо ба андозаи 64 фоизи талаб бо нуриҳои азотӣ, 24 фоиз бо нуриҳои фосфорӣ, 6,5 фоиз бо нуриҳои калийдор таъмин гардидаанд.

Ва сабаби набудани дигаргунсозиҳои назаррас дар бобати рӯёндани пахта ва ғалла аз тарафи хоҷагиҳои фермерӣ дар ҳамин мебошад. Соли 2001 хоҷагиҳои фермерии вилоят ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар 22 сентнерӣ пахта, 25,6 сентнерӣ ғалла бардоштаанд.

Аз тарафи фермерон тайёр намудани дигар маҳсулот низ ба дараҷаи зарурӣ нест. Масалан, соли гузашта дар вилоят ҳиссаи хоҷагиҳои фермерӣ дар бобати тайёркунии гӯшт 1,6 фоиз, шир — 3 фоиз, тухм ҳамагӣ 0,5 фоизро ташкил додааст.

Сабаби асосии камбудиҳои дар ин ҷо мавҷуда ҳамин аст, ки ба масъалаҳои фароҳам овардани шароити зарурӣ ба коркунони соҳаи кишоварзии вилоят, сабук гардондан ва рағбатноксозии меҳнати деҳқонон диққату эътибори ҷиддӣ дода намешавад.

Масалан, ба деҳқонон, пудратчиёни оилавие, ки шартномаҳои тайёркунии пахтаро иҷро кардаанд, аз 3 ҳазору 262 тоннаи равғани рустанӣ ҳамагӣ 155 тоннаи он, аз 14 ҳазору 679 тоннаи кунҷора 230 тоннааш, аз 11 ҳазору 417 тонна шелухаи пахта ҳамагӣ 217 тоннааш дода шудаасту халос.

Албатта, ба чунин муносибати бечисандона нисбати меҳнати деҳқон баъди ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур дахл кардани кормандони Дастгоҳи Президент хотима гузошта шуд.

Саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: наход дар вилоят ягон роҳбаре ёфт нашуд, ки баҳри манфиати деҳқонон бархоста, ин масъаларо қатъан ба миён гузошта, ҳаллу фасл намояд?

Охир, дар худи вилоят шахсоне ҳастанд, ки ба он масъуланд. Онҳо ҳокимон, прокурор, дигар сохторҳо мебошанд. Онҳо ба куҷо менигаранд?

Мутаассифона, дар вилоят ҳодисаҳои дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти субектҳои хоҷагидорӣ кам намегарданд, тафтишҳои барзиёдатӣ решакан нагардидаанд. Ҳамаи мо бояд нағзакак фикр кунем ва аз ин далел хулосаи дахлдор бардорем, ки соли 2001 ҳодисаи мурочиати тадбиргарон бо ариза ба раёсати адлияи вилоят оиди ҳифзи манфиатҳои қонуниашон афзудаасту 321 шахси мансабдор ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноӣ барои дахолати ғайриқонуниашон ба фаъолияти тадбиргарон кашида шудаанд.

Мӯҳтарам вакилони халқ!

Дӯстони азиз!

Табиист, ки баробари танқиди камбудиву хатоиҳои дар вилоят рухдода, вазъиятро одилона арзёбӣ карда, мо бояд бисёр сабабҳои мушаххасеро низ ба назар гирем, ки ба чунин вазъият оварда расондаанд.

Яке аз ин сабабҳо — мураккаб будани шароити хоку иқлими вилояти Навоӣ мебошад, ки бар асари оқибати дусолаи хушксолӣ, муаммоҳои экологӣ, нарасидани маблағҳои ҷудогардида, вазъи молиявии бӯҳронӣ дар бисёр корхонаҳо ва хоҷагиҳо сар задаанд.

Ягон кас инро инкор намекунад. Вале танҳо ба ин вазъият такя намуда, ором нишастан мумкин нест. Масалан, мо яке аз чунин сабаби обективӣ-вазъи бо об таъминкунии заминро гирем. Оё дар ин бобат дар Хоразм ва Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон вазъият беҳ аст? Оё нисбати шумоён, вазъият дар Бухорову Қашқадарёи ҳамсояатон беҳтар мебошад?

Агар дар Навоӣ дараҷаи шӯрхокии замин 67 фоизро ташкил диҳад, нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Бухоро ба 91 фоиз, Хоразм ба 97 фоиз баробар аст. Ба ин нигоҳ накарда, хоразмиён ҳосили фаровон мерӯёнанд.

Ба ҳамин муносибат ман бори дигар суханони худро дар бобати эътирофи меҳнати меҳнаткашони хоразмӣ, дараҷаи баланди зироаткории хоразмиён такроран гуфтаниам ва онҳоро қаҳрамони ҳақиқӣ мепиндорам. Зеро деҳқонони Хоразм дар зимистони қаҳратун ва дар рӯзҳои серборишӣ баҳорӣ дар саҳроҳо фидокорона кор мекунанд, шӯри ҳазорон гектар заминҳоро мешӯянд. Магар дар Навоӣ чунин деҳқонони омилкор нестанд?

Албатта, ҳастанд. Ва тасдиқи ин фикр ҳамин мебошад, ки хоҷагии фермерии «Шодиобод»-и ноҳияи Қизилтеппа супориши шартномавиро аз рӯи тайёркунии пахта 210 фоиз, хоҷагии фермерии «Юсуф Тӯрон» аз ноҳияи Хатирчӣ 163 фоиз, хоҷагии ширкатии «Маданият»-и ноҳияи Навоӣ ба 130 фоиз ба иҷро расондаанд.

Ва он чиз, ки хоҷагии фермерии «Олмазор»-и ноҳияи Қизилтеппа аз ҳар гектар 80 сентнерӣ ғалла бардоштааст, хоҷагиҳои ширкатии «Конимех» ва ба номи Абаи ноҳияи Конимех, «Оёққудуқ»-и ноҳияи Томдӣ аз ҳар сад сар меш 120- тоғӣ барра гирифтаанд, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар вилояти Навоӣ бисёр одамоне ҳастанд, ки тадбиргар мебошанду кори худро хуб медонанд.

Дар бораи имкониятҳои то ҳол истифоданашудаи ин воҳа ҳарф зада, мо пеш аз ҳама соҳаи қарокӯлпарвариро дар назар дорем. Зеро вилояти Навоӣ бо табиати нотакрори худ заминаи асосии қарокӯлпарварӣ ба ҳисоб меравад.

Охир дар чарогоҳҳои нопайдоканори ноҳияҳои Томдӣ, Учқудуқ, Нурато ва Конимех гӯсфандони қарокӯлии аз ҳама хушзотеро парвариш кардан мумкин аст, ки ашёи хоми гаронбаҳо медиҳанд. Дар мамлакат дар дигар маҳал чунин имконият барои рушди соҳаи мазкур ба ин дараҷа нест.

Зарур аст қайд намоем, ки дар вилоят соли гузашта саршумори гӯсфандони қарокӯлпарварӣ ба 35 ҳазору 300 сар зиёд гардида, то 1 маи соли кунун аз 1 миллион сар гузаштааст. Ҳар сол 240 ҳазор дона пӯсти қарокӯл тайёр карда мешавад. Ҳамаи мо хуб медонем, ки соҳаи мазкур на танҳо манбаи асосии даромади сокинони маҳаллӣ, балки соҳиби нерӯи калони содиротӣ ҳам мебошад.

Баробари ин оё гуфтан мумкин аст, ки хоҷагиҳои қарокӯлпарварӣ имкониятҳои мавҷударо пурра истифода мебаранд? Масъалаҳои рушди соҳаи маҳсулоттайёркунӣ ҳамеша дар маркази диққату эътибори мо бояд бошад. Зеро талаб дар бозори ҷаҳонӣ ба маҳсулоти қарокӯлпарварӣ баланд аст. Аз ҳамин сабаб зоти гӯсфандонро беҳтар кардан, маҳсулнокии онро баланд бардоштан, ба чӯпонон шароити хуби зиндагониро фароҳам овардан зарур мебошад.

Мӯҳтарам иштирокдорони ҷаласа!

Дар бораи вазъу муаммоҳои мавҷудаи вилоят ҳарф зада, бояд зикр намуд, ки муаммои бекорӣ дар ин ҷо ҳамоно ҷиддист. Аз 24 ҳазор нафар бекороне, ки соли гузашта ба умури шуғл мурочиат кардаанд, 8 ҳазор нафарашон бо шуғл фаро гирифта нашудаанд. Он чизро ба назар гирифта, ки 70 фоизи онҳоро занон ташкил медиҳад, маълум мегардад, ки муаммои мазкур то чӣ андоза умда мебошад.

Ҳаллу фасли масъалаи мазкур дар марказҳои ноҳияҳо ва деҳаҳо ташкил кардани корхонаҳои сершумори хурд, корхонаҳои саноатии маҷмӯъгӣ, шабакаи хизматрасонии маишӣ ва ҳунармандии халқиро талаб мекунад.

Монеаи асосие, ки ба кор дар соҳаи мазкур таъсири манфӣ мерасонад, ҳамин мебошад, ки сарварони вилоятие, ки ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур масъуланд, ба вазифаи худ хунукназарона муносибат мекунанд, ба одамони қобилиятноку ташаббускоре ба қадри кофӣ диққату эътибори зарурӣ намедиҳанд, ки тадбиргар шуданианду кори худро ба роҳ монданӣ ҳастанд.

Ва онро ҳамин далел тасдиқ мекунад, ки соли гузашта ҳаҷми захираҳои моддиву техникие, ки ба субектҳои соҳибкории хурду миёна тавассути биржаи молу ашёи хом фурӯхта шудааст, ба 55 фоиз кам гардидааст.

Дар роҳи рушди тадбиргарӣ ҳамчунин камбудиҳо ва хатоҳое монеаи ҷиддӣ мегарданд, ки ҳангоми номнавискунии корхонаҳои соҳибкории хурду миёна, барои онҳо аз тарафи бонкҳо ҷудо кардани вомҳо роҳ дода мешаванд.

Вақте ки масъалаи соли гузашта дар вилоят номнавискунии субектҳои соҳибкории хурду миёна, ба онҳо ҷудо кардани қитъаҳои замин ва вомҳо аз тарафи бонкҳо омӯхта шуд, беш аз13 ҳазор ҳолати халалдоркунии қонунгузории ҷорӣ ошкор ёфт.

Дар беш аз 30 ҳолат ҳокимиятҳои вилоят ва ноҳияҳо, дар 34 ҳолат сарварони бонкҳои тиҷоратӣ тавассути муносибати бюрократона ва ё мақсадҳои ғаразнок аризаҳоро дар бобати номнавискунӣ сари вақт дида набаромадаанд, мавқуф гузоштанд ва ё пули ғайритаъинотро талаб кардаанд.

Ҳатто дар ҳокимияти вилоят кор оиди номнавискунии аризаву шикоятҳо аз субектҳои соҳибкории хурду миёна мувофиқи тартиби муқаррааргардида ба роҳ монда нашудааст. Дар айни замон ҳеҷ ба ақл намеғунҷад, ки барои чӣ ҳокими ноҳияи Навбаҳор амри беасосро дар бобати ситондани ҷарима аз сарварони 18 субекти хоҷагидорӣ қабул кардааст.

Рафти сохтмони манзилҳои нав, ободгардонии мавзеъҳои истиқоматӣ ба талаби замон ҷавобгӯ нест. Дар бисёр маҳалҳо роҳҳо, кӯчаҳо дар ҳолати душвор мебошанд.

Дар ин бобат ҳарф зада, як ҳолати ғайритабиӣ касро ба тааҷҷуб мегузорад. Аз як тараф шаҳрҳои калон, аз қабили Навоӣ, Зарафшон ҳастанд, ки соҳиби инфрасохтори замонавианд, аз тарафи дигар деҳаҳое ҳам ҳастанд, ки онҳоро бо ин шаҳрҳо ҳатто қиёс кардан мумкин нест.

Ҳамаи мо бояд дарк намоем, ки айёми чунин муносибати яктарафа гузашта рафтааст, ки ба мо аз айёми шӯравӣ мерос мондааст.

Албатта, кори мазкур қувваву маблағи зиёдеро тақозо дорад.

Вале азизонам, аз кӣ бояд аввал ташаббус сар занад?

Гаштаву баргашта мегӯям: агар худамон корҳоро оид ба ободкунии кишварамон, деҳаҳоямон ва шаҳрҳоямон, маҳаллаҳо ва хонаҳоямон, ки истиқомат дорем, сабзу хуррамгардонии онҳо, тармими роҳҳо, солимгардонии муҳити атроф ба иҷро нарасонем, ягон кас аз берун онро ба мо карда намедиҳад!

Ҳангоми ташриф оварданам ба Қува дар бораи таҷрибаи мусбате ҳарф зада будам, ки дар Андиҷон сар задааст. Барои одамони ақлнок як сухан кофӣ будааст. Алҳол дар вилоятҳои Андиҷон, Фарғона, Намангон, дар шаҳру навоҳии онҳо бисёр манзараи тартибу озодагӣ ва ободониро дар кӯчаҳо, роҳҳо ва майдонҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Вақте ки чунин корҳои некро мебинӣ, ҳам чашму ҳам дили кас аз шодӣ лабрез мегардад, беихтиёр ҳис мекунӣ, ки вай чӣ тавр кайфиятро баланд мебардорад, ба кас рӯҳ мебахшад.

Ба фикрам, барои ташкили чунин корҳо, барои бедор сохтани одамон баҳри иҷрои чунин ташаббусҳои неку хайр танҳо як чиз — фидокории роҳбарон, ташаббуси сарварон лозим аст. Онҳо бояд дар кори ободонии сарзаминамон аввалин бошанд, барои андак сабук кардани ҳаёти одамон фидокор гарданд.

Дӯстони мӯҳтарам!

Дар байни камбудиҳое, ки дар соҳаи иҷтимоии вилояти Навоӣ роҳ гузошта шудааст, боз як масъалае ҳаст, ки ҳамаи моро ба ташвиш овардааст. Ва он бевосита бо татбиқи Барномаи миллии тайёркунии кадрҳо алоқаманд мебошад.

Аз ин нуқтаи назар ҳамин вазъият дар ин бобат ,ки дар вилоят дар 238 мактаб машғулиятҳо дар ду баст, дар 4 мактаб дар се баст гузаронда шуда, бинои 10 мактаб дар ҳолати садама мебошаду дар 21 мактаб корҳои бунёдкорӣ ба анҷом расонда нашудаанд, аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки дар соҳаи мазкур бисёр муаммоҳо ғун шуда мондаанд.

Бисёр мактабҳои деҳот бо омӯзгорон аз рӯи фанҳои мухталиф пурра таъмин нагардидаанд. Аз он ҷумла, 310 омӯзгори забони хориҷа, 350 омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ, 130 омӯзгори фанни меҳнат намерасад.

Аз рӯи маълумотҳое, ки дар натиҷаи тафтиш ба даст омадаанд, маълум мегардад, ки дараҷаи хатмкунандагон дар вилояти Навоӣ аз ҳама паст дар мамлакат мебошад. Намедонам, оё ин вазъият шахсонеро, ки ба соҳаи таълим масъуланд ҳокимони вилояту ноҳияҳо, сарварони Вазорати маорифи халқро ба ташвиш овардааст, ё не, вале он шахсан маро ба ташвиши ҷиддӣ гузоштааст.

Ба мо зарур аст, ки ба ташкилкунии литсейҳои академӣ, коллеҷҳои касбу ҳунар дар ҳар шаҳру ноҳия на танҳо аз нуқтаи назари имрӯз, балки фардо муносибат зоҳир кунем, маблағҳои ҷудогардидаро оқилона, сарфакорона ва бо боздеҳи зарурияшон истифода барем.

Аз сабаби суръати пасти иҷрои корҳои бунёдкориву васлгарӣ соли 2001 коллеҷҳои касбу ҳунар дар ноҳияҳои Нурато ва Навбаҳор, шаҳри Навоӣ дар вақти пешбинигардида ба истифода супурда нашуданд.

Дар вилоят корҳо оид ба фарогирии ҷавонон ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, сохтмони маҷмӯъҳои варзишии замонавӣ дар вазъи ғайриқаноатбахш мебошад.

Агар 62 фоизи мактабҳо зали варзишӣ, 21 фоизаш майдони футболбозӣ, 13 - тоаш майдони волейболбозӣ надоштанашро ба ҳисоб гирем, чӣ тавр ҷавононро ба варзиш ҷалб кардан, авлоди наврасро солим, бақувват ба воя расондан мумкин аст?

Барои мисол вилояти Бухорои ҳамсояро гирем. Рафти Университиадаро муоина карда, мо дидем, ки солҳои охир дар он чӣ қадар маҷмӯъҳои варзишии замонавиву зебо сохта шудаанд. Аз ҳама муҳимаш, муносибати ҷиддӣ ба ин масъала, ба ташаббус ҷавоб гардондан, сафарбаркунии одамон ба корҳои нек мебошад.

Мутаассифона, корҳо дар низоми тандурустӣ низ дар вилоят ба дараҷаи зарурӣ нест. Аз сабаби қафомонӣ дар ташкили муассисаҳои тахассусонидашудаи замонавии тиббӣ дараҷаи хизмат дар соҳаи мазкур ҳамоно паст боқӣ мондааст.

Аз он ҷумла, касеро далели мазкур, яъне ба ҳар даҳ ҳазор сокини вилоят рост омадани 36 кати беморӣ қонеъ намегардонад. Он чизро ба назар гирифта, ки дар ноҳияҳои дурдаст пунктҳои духтурии деҳот ва кормандони тиббии баландмалака намерасанд, дар ин бобат низ тадбирҳои ҷиддӣ андешидан лозим меояд.

Силсилаи муаммоҳо дар кори ҳифзи тандурустии модарон ва кӯдакон, пешгирии маризиҳои хавфноки гузаранда ҷой доранд. Ҳамин тавр, дар соҳаи мазкур бисёр корҳоро ба анҷом расондан лозим меояд.

Ба дар вилоят андешидани тадбирҳо оид ба таҳкими қонунгузорӣ мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ нигоҳ накарда, нишондиҳандаҳо аз рӯи намудҳои ҷиноякорӣ, аз қабили куштори барқасдона, таҳдид ба ҳаёти шаҳрвандон, дуздидани нақлиёт афзудааст.

Ҳамаи моро махсусан он чиз ба ташвиш гузоштааст, ки миқдори ҷиноятҳо, аз қабили қасдан расондани захм, зӯроварӣ, дуздӣ, фиребгарӣ, ҳамчунин миқдори иштироки ноболиғон ва хонандагон дар онҳо афзудааст.

Соли 2001 дар вилоят 202 ҷиноят кушода нашуд. Агар он чизро ба инобат гирем, ки 60 фоизи куштор дар натиҷаи баҳсу мунозира ва низоъҳои [illegible] сар мезанад ва саволи ҳаққонӣ ба миён меояд: масъулони ин соҳа- сарварон, фаъолони маҳаллаҳо, намояндагони аҳли ҷамъият ба куҷо менигаранд?

Аз ҳама ташвишовараш ҳамин аст, ки худи кормандони мақомоти ҳифзи қонуну тартиботи вилоят ҷиноят содир менамоянд.

Масалан, собиқ раиси суди ноҳияи Навбаҳор У. Рустамов ҳангоми гирифтани 1 миллиону 500 ҳазор сӯм ришват ба ивази сабук кардани ҷазо аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ба даст афтод. Кормандони шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Зарафшон Н.Назаров, А. Амонов, Ф.Аҳмадов барои пинҳон кардани ҷинояти вазнине, ки шаҳрванд Н. Қодиров содир кардааст, ришват гирифтаанд.

Кормандони шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Навоӣ А. Ғизоқулов ва Х.Аҳмадов бо роҳи фиребӣ шаҳрванд М. Эгамназароваро дар бобати ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашидани он тарсонда, ҳангоми гирифтани ришват дастгир гаштанд.

Худатон қазоват кунед, дӯстони азиз, ба ин одамон, ки мебояд ба муқобили ҷиноядкорӣ мубориза баранд, худашон амалиётҳои зиддиқонуниро ба ҷо оваранд, чӣ тавр тоқат кардан мумкин аст?

Мӯҳтарам ҳамватанон!

Дар бораи тарбияи кадрҳои роҳбарикунанда, ба вуҷуд овардани низоми босамара кор бо онҳо бисёр ҳарф мезанем. Зеро дар бобати иҷрои вазифаҳои пешгузоштаамон аҳамияти калону ҳалкунанаро аз бисёр ҷиҳат салоҳиятнокӣ, кордонӣ ва ташаббускории кадрҳо қобилияти ташкилотчигии онҳо касб мекунад.

Дар вилояти Навоӣ як қатор камбудиҳо дар бобати таъин кардан ба вазифаҳо аз захираи кадрҳои кунунии пешомаднок, марҳила ба марҳила тайёркунии онҳо ба вазифаҳои баланд, таҳсилу баланд бардоштани малакаи онҳо ҷой доранд.

Тез-тез иваз гардидани кадрҳои роҳбарикунандаи вилоят ба як одати бад мубаддал гардидааст. Масалан, дар се соли охир ҳафт маротиба мудири котиботи маҷмӯи агросаноати ҳокимияти вилоят, шаш маротиба мудири коргузории ҳокимият тағйир дода шудааст.

Танҳо солҳои 1999-2000- ум 72 фоизи сарварони 101 корхонаи кишоварзӣ, аз он ҷумла дар ноҳияи Хатирчӣ- 95 фоиз, дар ноҳияи Қизилтеппа- 70 фоиз, дар ноҳияи Навбаҳор- 62 фоизи кормандон бо сабабҳои мухталиф иваз карда шудаанд.

Ва он аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки беқарории кадрҳо дар вилоят як одати муқаррарӣ шуда мондааст. Аз ҳама бадаш ҳамин мебошад, ки чунин ивазкунии кадрҳо ба беҳдошти кор хизмат накардааст ва хизмат нахоҳад кард.

Ба масъалаи асосии рӯзномаи кори иҷлосияи имрӯза гузашта, гуфтаниам, ки сеюним сол муқаддам дар ҳамин маҷлисгоҳ мо боварии калон зоҳир намуда, Ғ. Диловро ба вазифаи сарвари аввали вилоят тасдиқ намудем. Бояд эътироф намуд, ки дар оғози фаъолияти ӯ саъю кӯшиш ва пешравиҳои муайян ба назар расиданд.

Вале ба касе сир нест, ки ҳаёт ва пешомади вилояти Навоӣ танҳо бо кишоварзӣ вобаста нест. Мутаассифона, имрӯз мо бояд ба забон гирем, ки бисёр масъалаҳои муҳими алоқаманди рушди ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, пешрафти маънавиву фарҳангӣ аз назари ҳокими вилоят ниҳон мондаанд.

Яъне кушоду равшан бояд гуфт, ки дар ин инсон қобилият ба он нарасид, ки муаммоҳои доираи вилоятиро амиқан дарку фаҳмад, ба онҳо аз нуқтаи назари мақсади ягона муносибат кунад, онҳоро собитқадамона ҳаллу фасл намояд, диққату эътиборро ба масъалаҳои муҳими устувор нигаронад, аз ҳазорон талабу эҳтиёҷи одамон аввалиндараҷаашро фарқ карда тавонад, пеш аз ҳама қобилияти муттаҳид сохтани кадрҳо, сафарбар кардани онҳоро ба ҳаллу фасли ин муаммоҳо зоҳир кунад.

Ҳамаи онро дарку эътироф намуда, Ғ.Дилов аризаро дар бобати озод кардан аз вазифаи ҳокими вилоят дод.

Имрӯз шумоён, вакилони халқ, бояд ин масъаларо баррасӣ кунед ва фикру мулоҳизаҳои хешро дар ин бобат баён намоед.

Мӯҳтарам вакилони халқ, мо бояд акнун масъалаи номзад ба вазифаи ҳокими вилояти Навоиро муҳокима намоем. Ҳаматарафа фикр намуда, бо аҳли ҷамъият, оқсаққолон, фаъолони маҳаллии вилоят маслиҳат карда, мо қарор додем, ки ба ин вазифа номзадии Рӯзиев Баҳриддин Муртазоевичро пешбарӣ кунем, ки алҳол ҳокими ноҳияи Конимех мебошад.

Ба фикрам, ҳамаи шумоён ӯро ҳамчун инсон, сарваре хуб мешиносед, ки дар тӯли чанд сол боз дар вилояти Навоӣ кор мекунад. Вай фаъолияти меҳнатии худро аз коргари оддӣ сар кардааст, вазифаҳои мухталифи масъулро дар доираи ноҳиявӣ ва вилоятӣ ишғол намудааст. Соҳиби донише зарурӣ, таҷрибаи ҳаётӣ мебошад.

Аз ҳама муҳимаш, вай вилояти Навоӣ, ҳаёти аҳолии маҳаллиро хуб медонад. Ба фикрам, ин сарвар қувваю ғайрат ва қобилияти худро барои иҷрои вазифаи муҳиму умдаи дар назди вилоят истода оид ба амиқ гардондани ислоҳот, ҳаллу фасли муаммоҳое дареғ намедорад, ки ҳар кадоми моро ба ташвиш гузоштааст.

Дӯстони азиз!

Ман қатъан ба он мӯътақид ҳастам, ки вакилони халқ ва фаъолон, тамоми меҳнаткашон ва сокинони вилояти Навоӣ аз нуктаҳои имрӯз баёнгардида хулосаи даркорӣ мебардоранд, кори худро аз нуқтаи назари танқидӣ арзёбӣ карда, дар атрофи роҳбари нав муттаҳид гардида, ҳаёти вилоятро қатъан ба беҳбудӣ рӯ меоваронанд.

Зеро дар навоигиён тамоми асосҳо ва имкониятҳо барои он ҳаст, то ки дар рушди мамлакат ҳиссаи сазоворонаи худро гузоранд. Танҳо зарур аст, ки ин имкониятҳо сафарбар карда, оқилонаву босаводона истифода бурда шаванд.

Ба ҳамаи шумоён тандурустиву қувваву ғайрат, комёбиҳоро дар ҳаллу фасли ин вазифаҳои муҳиме таманно дорам, ки иҷрои онҳоро аз мо худи ҳаёт талаб мекунад.

---

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон-сарвари Маҷмӯи оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотиву телекоммуникатсионӣ-сардиректори Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва бо иттилоотфарогирӣ таъин кардани А.Н.ОРИПОВ

**ОРИПОВ АБДУЛЛО НЕЪМАТОВИЧ** ҷонишини Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон — сарвари Маҷмӯъ оид ба масъалаҳои алоқа ва технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсия — сардиректори Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва бо иттилоотфарогирӣ таъин карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И. КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
30 маи соли 2002.

---

**Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон**

## Дар бораи рушди минбаъдаи бо компутерфарогирӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ

Ба мақсади ба вуҷуд овардани низоми миллии бо иттилоотфарогирӣ, оммавӣ татбиқ кардан ва истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ, воситаҳои техникаи компутерӣ ва телекоммуникатсияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъиятӣ, пурра қонеъ гардондани талаби пайваста афзояндаи шаҳрвандон ба иттилоот, фароҳам овардани шароити мусоид барои ворид шудан ба ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ ва вусъати бархурдор будан аз захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ:

1. Вазифаи аввалиндараҷаи муҳим рушд ва татбиқи низоми замонавии бо компутерфарогирӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ инҳо ҳисобида шаванд:

ба вуҷуд овардани заминаи миллии маълумотҳои замонавӣ, боэътимодӣ ва бехавфии иттилоотӣ, рушди бозори захираҳо ва хизмати иттилоотӣ, марҳила ба марҳила собитқадамона гузаштан ба шакли электронии мубодилаи иттилоот;

васеъ татбиқ намудани технологияҳои компутерӣ ва иттилоотӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, идора, соҳибкорӣ, илму таълим, фароҳам овардани шароит барои васеъ бархурдор будани табақаҳои васеи аҳолӣ аз компутерҳои замонавӣ ва низоми иттилоотӣ;

дар ҷараёни таълим дар мактабҳо, коллеҷҳои касбу ҳунар, литсейҳои академӣ, донишкадаҳои таълими олӣ татбиқ намудани низоми пешқадами таҳсиле, ки асосашонро ихтиёрдорӣ кардан ва фаъолона истифода бурдани компутерҳои замонавӣ ва технологияҳои иттилоотӣ ташкил медиҳад;

ташкили тайёркунии неруи кадрҳои баландмалакаи касбӣ барои кор дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, дар навбати аввал дар соҳаи таҳияи воситаҳои барномавӣ, заминаи маълумотҳои иттилоотӣ, ба вуҷуд овардани шабакаҳои ҷумҳурӣ, соҳавӣ ва локалии иттилоотиву коммуникатсионӣ, таҳияи техникаи компутерӣ ва телекоммуникатсионӣ;

суръатфизоии рушди инфрасохтори техникии технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми ҳудуди мамлакат, аз он ҷумла алоқаи мобилӣ, 1Р-технология, дигар воситаҳои замонавии телекоммуникатсияҳо ва додани маълумотҳо бо назардошти конвергенсияи шабакаву хизматрасонии иттилоотиву коммуникатсионӣ;

татбиқи бархурдории босуръат аз шабакаҳои миллӣ ва байналхалқии иттилоот, таъмини дастрас кунондани он дар қарияҳои аҳолинишин, аз он ҷумла деҳот;

ба вуҷуд овардани механизми босамар оид ба рағбатноксозии рушди истеҳсолоти ватании маҳсулоти хушсифати барномавӣ ва ба содирот баровардани онҳо;

мадад расондан дар ташкили таҳия ва истеҳсоли техникаи компутерии ватанӣ ва асбобу ускунаи комплектшаванда;

2. Кенгаши мутобиқгар оиди рушди бо компутер ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ фарогирӣ созмон дода шавад.

Муқаррар карда шавад, ки Кенгаши мутобиқгар мақомоти олии мутобиқгар дар соҳаи рушди технологияҳои компутерӣ ва иттилоотиву коммуникатсионӣ ба ҳисоб меравад.

3. Ба зиммаи Кенгаши мутобиқгар ҳаллу фасли вазифаҳои зайл гузошта шаванд:

муайян кардани самтҳои устувори рушди технологияҳои компутерӣ, иттилоотиву коммуникатсионие, ки ба тамойили замонавии байналхалқӣ ва стратегияи рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат мувофиқат намояд;

ба ҳукумат пешкаш кардани таклифҳо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид ва рағбатноксозии иқтисодӣ барои рушди босуръати технологияҳои компутерӣ ва иттилоотиву коммуникатсионӣ;

амалӣ гардондани фаъолияти мутобиқгарӣ оиди тайёркунӣ ва бозомӯзии кадрҳои баландмалака дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, аз он ҷумла таҳсили мутахассисон дар хориҷа;

мадад расондан барои ба вуҷуд овардани муҳити рақобат дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ҷонибдории соҳибкории инноватсионӣ, аз он ҷумла таҳия ва истеҳсоли воситаҳои барномавии ватанӣ ва техникаи компутерӣ, ба вуҷуд овардани шароит барои компутеркунонии тамоми соҳаҳо ва самтҳои иқтисодиёт;

мадад расондан ба рушди ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ, маблағу грантҳои васотягарон барои рушди инфрасохтори технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, вусъати баҳрабардории муассисаҳои таълим аз шабакаҳои иттилоотӣ;

4. Ба Кенгаши мутобиқгар супурда шавад, ки то 1 октябри соли 2002 инҳоро таҳия намуда, ба тасдиқи Девони Вазирон пешкаш созад:

Барномаи рушди шабакаи миллии телекоммуникатсияҳо ва додани маълумотҳо то давраи солҳои 2003-2010;

Барномаи татбиқи технологияҳои электронӣ дар идораи давлатӣ то давраи солҳои 2003-2010;

Барномаи рушди тиҷоратии электронӣ то давраи соли 2010.

5. Оҷонсии почта ва телекоммуникатсияи Ўзбекистон ба Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва иттилоот табдил дода, ба зиммаи он ҳаллу фасли вазифаҳои зерин гузошта шаванд:

амалӣ гардондани устувории стратегӣ дар соҳаи ба вуҷуд овардан, арзи амал кардан, пешкаш кардани хизмат бо алоқаи маҳаллӣ, байнишаҳрӣ, байналхалқии телефониву телеграфӣ ва почта, паҳн кардани матбуот, шабакаи додани маълумотҳо, аз он ҷумла Интернет, шабакаҳои алоқаҳои радио, радиошунавонӣ ва барномаҳои телевизион;

идораи фаъолият дар низоми алоқаи почта, танзими давлатии рушди телекоммуникатсияҳо ва шабакаҳои додани маълумотҳо, ба вуҷуд овардани муҳити рақобат дар ин соҳаҳо, бо рухсатномафарогирии намудҳои дахлдори фаъолият;

фароҳам овардани шароит барои ҷалб сохтани сармояҳои хориҷӣ ба рушду такмил додани низоми иттилоотӣ, шабакаҳои телекоммуникатсияҳо ва додани маълумотҳо;

татбиқи андозаҳои замонавии байналхалқӣ, таҳия ва тасдиқ намудани андозаҳои ватанӣ, шартҳои техникӣ ва талабҳо ба технологияҳои телекоммуникатсионӣ ва иттилоотӣ;

ташкили рушди бозори захираҳои итилоотӣ, таҳия ва амалӣ гардондани барномаҳо оид ба гузаштан ба шакли электронии муовизаи иттилоот дар соҳаи идораи давлатӣ, соҳибкорӣ, тандурустӣ, илму таълим, ҳамчунин дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ.

Муайян карда шавад, ки Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва иттилоот мақомоти кории Кенгаши мутобиқгар оиди рушди бо компутер, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ-фарогирӣ мебошад.

Ба Оҷонсии Ўзбекистон оид ба алоқа ва иттилоот супурда шавад, ки якҷоя бо ширкатҳои калонтарини хориҷӣ ва ватании компутерӣ ва иттилоотӣ Маркази рушд ва татбиқи технологияҳои компутерӣ ва иттилоотиро созмон диҳад.

6. Бунёди ғайрибуҷавии ҷонибдории давлатии рушди почта ва телекоммуникатсияҳо ба Бунёди ғайрибуҷавии рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ мубаддал карда шавад.

Ба зиммаи Бунёди ғайрибуҷа масъалаҳои бо маблағфарогирии лоиҳаҳои устувор ва корҳои илмиву тадқиқотӣ дар соҳаи рушди шабакаҳои додани маълумотҳо ва технологияҳои иттилоотӣ гузошта шавад.

7. Донишкадаи алоқаи электротехникии Тошканд ба Донишгоҳи технологияи иттилоотии Тошканд табдил дода шавад.

Пешбинӣ карда шавад, ки аз соли таҳсили 2002-2008 тайёркунии мутахассисон дар соҳаи таҳияи маҳсулоти барномавӣ, технологияҳои шабакавӣ, алоқаи радиотелефонии сайёр, тиҷорати электронӣ ва бехавфии иттилоот дар Донишгоҳи иттилоотии Тошканд ба роҳ монда шавад.

8. То 1 январи соли 2006 озод карда шаванд:

аз додани пардохти гумрукӣ (ба ғайр аз маблағ барои расмигардонии гумрукӣ) таҷҳизоти ба ҷумҳурият оваранда барои созмон додани шабакаҳои додани маълумотҳои компутерӣ, фурӯши воситаҳои барномавӣ, ҳамчунин расондани хизмат аз рӯи умури сервисӣ;

аз додани андоз ба арзиши иловагӣ-хизматрасонӣ аз рӯи омӯзондани технологияҳои омӯзиши компутерҳо ва технологияҳои иттилоотӣ, фурӯши воситаҳои барномавӣ, ҳамчунин расондани хизмат аз рӯи умури сервисӣ ба онҳо.

9. Аз 1 июли соли 2002 тартиби додани андози ягона ба ташкили (новобаста аз ҳаҷми он) истеҳсолоти ба воситаҳои барномавӣ тахассусонидашуда, хизматрасонии сервисии техникаи компутерӣ ва воситаҳои барномавӣ, расондани хизмат ба аҳолӣ оиди омӯзондани кор дар техникаи компутерӣ ва технологияҳои иттилоотӣ татбиқ карда шавад.

10. Ба Вазорати адлияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон якҷоя бо идораҳои манфиатдор супурда шавад, ки дар тӯли як моҳ ба Девони Вазирон таклифҳои худро оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба санадҳои ҷории қонунгузорие пешкаш кунанд, ки аз Фармони мазкур бармеояд.

11. Ба Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки дар тӯли ду ҳафта қарори дахлдорро оиди ба рӯи об баровардани Фармони мазкур қабул кунад.

12. Фармони мазкур дар матбуот эълон карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон И.КАРИМОВ.**

Шаҳри Тошканд,
30 маи соли 2002.

